лоиҳа

Замима
бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «__» _____ соли 2017, ____
тасдиқ шудааст

# БАРНОМАИ ДАВЛАТИИ РАСОНИДАНИ КӮМАКҲОИ УНВОНИИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## МУҚАДДИМА

1. Барномаи давлатии расонидани кумакҳои унвонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади беҳтар намудани вазъи иҷтимоии шаҳрвандон ва оилаҳои камбизоат дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми солҳои 2015-2017 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардидаанд, инчунин ҷиҳати амалишавии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ", амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030", "Барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоию иктисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

2. Дар марҳилаи татбиқи "Барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020" иҷрои маҷмӯи чорабиниҳо оид ба дастгирии иҷтимоии оилаҳои камбизоат ва табақаҳои осебпазири аҳолӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор мераванд.

3. Аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, вазорату идораҳои дахлдор якҷоя бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ намудани тадбирҳо дар самти дастгирии иҷтимоии оилаҳои камбизоат ва табақаҳои осебпазири аҳолӣ дар асоси қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда анҷом додашуда, ҷиҳати баланд бардоштани вазъи некуаҳволии мардум ва фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда мусоидат менамоянд. Тадбирҳои мазкур дар навбати аввал ба ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта ва камбизоат – маъюбон, нафақахӯрони яккаву танҳо, кӯдакони ятим ва бесаробонмонда, инчунин оилаҳои камбизоат равона карда шудаанд.

4. Мутобиқи "Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри солл 2006 № 783 тасдиқ шудааст, кӯмакҳои иҷтимоии давлатӣ бояд характери суроғавӣ ё унвонӣ дошта, дар асоси арзёбии воқеии вазъи некуаҳволии мурочиаткунандагон таъин ва пешниҳод карда шаванд.

5. Тибқи маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2017 дар ҷумҳурӣ сатҳи камбизоатӣ ба 32% баробар буда, тасмим гирифта шудааст, ки то соли 2020 сатҳи камбизоатӣ то ба 20% расонида шавад.

6. Тадбирҳои давлатӣ дар доираи сиёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бар пояи таҳлилҳои мунтазам ва алоқамандӣ ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ бунёд ёфта, таҳия ва мавриди амал қарор додани “Барномаи давлатии расонидани кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз зумраи он василаҳое мебошад, ки дар раванди татбиқи чорабиниҳои мазкур мусоидат хоҳад кард.

## 1. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИЯТ

7. Баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум ва беҳтар намудани вазъи иҷтимоии шаҳрвандон (оилаҳои)-и камбизоат яке аз ҳадафҳои муҳими сиёсати давлатӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз дар Паёми соли 2013 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид доштанд, ки “Татбиқ намудани тартиби нави кӯмакпулиҳои унвонии иҷтимоӣ барои табақаҳои ниёзманди аҳолӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимест, ки ҳадафи он беҳтару шаффоф гардонидани низоми пардохти кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат мебошад”.

8. Таъмини кафолатҳои иҷтимоии давлатӣ тибқи Барномаи давлатии расонидани кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд- барнома) аз рӯи шаклҳои кумакҳои унвонии иҷтимоӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ” муқаррар гардидаанд, барои шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат амалӣ карда мешавад.

9. Зарурати оғози ислоҳоти низоми кӯмакҳои иҷтимоии давлатӣ аз талаботи гузариш ба иқтисоди бозорӣ, тағйири шарту шароити зиндагии мардум ва дигар омилҳо бармеояд. Таҳия ва татбиқи барномаи дарозмӯҳлати иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар барномаҳои қабулгардидаи давлатӣ имконият дод, ки сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат дар соли 2016 то 31 фоиз коҳиш ёбад.

10. Дар марҳилаи аввали амалисозии “Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” шурӯъ аз соли 2001 дар ҷумҳурӣ низоми таъин ва пардохти кӯмакпулӣ барои оилаҳои камбизоате, ки кӯдаконашон дар мактабҳои маълумоти умумӣ таҳсил менамоянд ва аз соли 2004 инҷониб пардохти ҷубронпулӣ ба оилаҳои камбизоат барои истифодаи қувваи барқ ва гази табиӣ ҷорӣ гардид.

11. Таҳлили натиҷаҳои пардохти ҷубронпулӣ барои истифодаи қувваи барқ ва гази табиӣ ва кӯмакпулӣ ба мактаббачаҳо аз оилаҳои камбизоат нишон дод, ки механизми мазкур барои дастгирии иҷтимоии табақаҳои ниёзманд як андоза мусоидат намудааст. Бо вуҷуди ин, ҷараёни босуръати иҷтимоию иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ ислоҳоти низоми мазкурро тақозо менамояд.

12. Дар асоси муқаррароти “Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”ва “Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми

нави таъин ва пардохти кӯмакҳои унвонии иҷтимоиро тавассути таъин ва пардохти кӯмакпулиҳои иҷтимоии унвонӣ ба таври таҷрибавӣ оғоз намуд. Зимни ин шароит фароҳам гардид то сарчашмаи маблағгузории ҳарду кумакпулиҳо: барои мактаббачаҳо ва барои истифодаи нерӯи барқу газ муттаҳид карда шуда, низоми нави таъин ва пардохти кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоатро бо истифода аз индикаторҳои муайянкунандаи вазъи некуаҳволӣ ва тарзи муосири арзёбии эҳтиёҷмандии онҳоро дар ду минтақа: шаҳри Истаравшани вилояти Суғд ва ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон аз 1 январи соли 2011 мавриди озмоиш қарор дод.

13. Натиҷаи озмоиши механизми таҷрибавии таъин ва пардохти кумакпулии иҷтимоии унвонӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат собит намуд, ки усули нави таъин ва пардохти кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ аз як қатор бартариятҳо бархурдор мебошад. Аз ҷумла:

- афзалияти асосӣ дар он аст, ки вазъи некуаҳволии оила ё шаҳрванд барои гирифтани кӯмакпулии иҷтимоӣ дар асоси нишондиҳандаҳои молумулкӣ ва демографии оила (ҳайати оила, вазъи иҷтимоӣ, ба монанди маъюбӣ, бесаробон мондан, теъдоди фарзандони ноболиғ дар оила ва ғайра) бо усули муосири *<u>арзёбии ғайримустақими эҳтиёҷмандӣ</u>* муайян карда мешавад. Тибқи механизми қаблӣ индикатори асосӣ ин даромаднокии оила маҳсуб меёфт, ки на ҳама вақт дуруст муайян гардида ва ё пурра нишон дода намешуд;

- тибқи қоидаҳои механизми нав ҳамаи ташвишҳои шаҳрвандон барои ҷамъоварии ҳуҷҷатҳои гуногун комилан коҳиш ёфта, вазъи камбизоатӣ барои гирифтани кӯмакпулӣ танҳо бо пешниҳоди ду шакли маълумотнома - дар бораи ҳайати оила ва молу амволи аъзоёни оила баҳогузорӣ карда мешавад. Мувофиқи механизми қаблӣ бошад барои таъини кӯмакпулӣ ё ҷубронпулӣ шаҳрвандонро зарур буд, ки номгӯи зиёди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаро аз мақомоти гуногун дастрас ва пешниҳод намоянд, ки дар бисёр мавридҳо, ҳаҷми кӯмакпулии таъиншуда хароҷоти шаҳрвандонро барои ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо пӯшонида наметавонист;

- тибқи низоми нав коркарди маълумот оид ба муайянкунии вазъи некуаҳволии оила ё шаҳрванд барои гирифтани кӯмакпулии иҷтимоӣ тариқи барномаи электронии «Системаи иттилоотии Феҳристи кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ» ва формулаи ба алгоритми муайян асосёфтаи *«арзёбии ғайримустақими эҳтиёҷмандӣ»* ба роҳ монда шудааст, ки ин омил шаффофият ва дахлнопазирии қабули қарорро таъмин менамояд;

- бартарии дигари низоми нав дар он аст, ки андозаи кӯмакпулӣ нисбат ба андозаи кӯмакпулиҳои қаблӣ нисбатан зиёд буда, ба некӯаҳволии оила ё шаҳрванди камбизоат метавонад мусоидат намояд.

14. Таҳлилҳо, мониторинг ва арзёбии раванди амалишавии механизми таҷрибавии таъин ва пардохти кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ собит намудаанд, ки дар ин раванд як қатор камбудию нуқсонҳо низ ба мушоҳида мерасанд. Чунончи, тибқи натиҷаҳои таҳлили коршиносон қариб 47% хонаводаҳо (оилаҳо)-е, ки дар сатҳи ниҳоии камбизоатӣ қарор доранд ва ба кумак ниёз доранд, аз кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ бархурдор намебошанд. Дар баробари ин, 35% хонаводаҳо (оилаҳо)-е, ки

вазъи зиндагиашон нисбатан хубтар буда, дар сатҳи миёнаи камбизоатӣ қарор доранд, мутаассифона ба гурӯҳи гирандагони кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ шомил карда шудаанд. Чунин ҳолат масъалаи такмил додани низоми кӯмакҳои унвонии иҷтимоиро тақозо намуда, зарурати таҳияи барномаи мазкурро ба миён овардааст.

15. Дар давраи татбиқи механизми таҷрибавии таъин ва пардохти кумакпулии иҷтимоии унвонӣ аризаи 333996 оила ё шаҳрванд барои гирифтани кумакпулии мазкур қабул ва ба махзани ягонаи системаи иттилоотии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуд, ки аз ин миқдор, дар натиҷаи коркарди маълумотҳои пешниҳоднамудаи муроҷиаткунандагон дар асоси индикаторҳои муайянкунандаи вазъи некуаҳволӣ ва бо истифода аз усули арзёбии ғайримустақими эҳтиёҷмандӣ ба 278138 шаҳрванд (оила) кумакпулии иҷтимоии унвонӣ таъин ва пардохт карда шудааст.

16. Дар айни замон механизми нави таъин ва пардохти кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2014, №437 “Дар бораи идома ва ҷорӣ намудани механизми таҷрибавии кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат” дар 40 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ ҷорӣ шуда истодааст.

17. Тибқи нақша дар соли 2017 зиёда аз 99 ҳазор ё 15 фоизи теъдоди хонаводаҳо (оилаҳо)-и 40 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ бояд ки аз кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ бархӯрдор шаванд. Бо ин мақсад дар Буҷети ҷумҳуриявии соли 2017 барои пардохти кӯмакпулӣ ва хароҷоти маъмурӣ 41,4 миллион сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки он талаботи нақшавиро пурра қонеъ мекунад.

18. Дар асоси нақшаи дурнамо шурӯъ аз соли 2018 механизми таҷрибавии кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат бояд дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷорӣ гардида, ҳамасола зиёда аз 200 ҳазор оила ё 15 фоизи теъдоди умумии хонаводаҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ бо барномаи номбурда фаро гирифта шуда, аз ҷумла аз кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ бархӯрдор гарданд.

## 2. МАҚСАДИ БАРНОМА ВА ШАКЛҲОИ КУМАКҲОИ УНВОНИИ ИҶТИМОӢ

19. Мақсадҳои асосии барнома аз инҳо иборатанд:

- мусоидат ба коҳиш додани вазъияти душвори зиндагӣ ва дастгирии шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат;
- муҳайё намудани шароите, ки ба шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат имконияти баланд бардоштани сатҳи зиндагиашонро фароҳам меорад;
- таҳкими дастгирии иҷтимоии шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат;
- коҳиш додани сатҳи камбизоатии аҳолӣ;
- истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ.

20. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ” шаклҳои зерини кумакҳои унвонии иҷтимоӣ ба шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат муайян карда шудаанд:

- кумаки пулӣ;
- кумаки моддӣ.

## 3. КӮМАКИ ПУЛӢ, АНДОЗА ВА ТАРТИБИ ТАЪИНУ РАСОНИДАНИ ОН

21. Кӯмаки унвонии иҷтимоӣ дар шакли пулӣ (минбаъд - кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ) ба андозаи умумӣ бо назардошти аъзои оилаҳои камбизоат, ки ба гирифтани кумаки пулӣ ҳуқуқ доранд, таъйин карда мешавад.

22. Дар ҳолати зиндагии якҷояи якчанд оила дар як манзили истиқоматӣ (ҳавлӣ, ҳуҷра), ки даромади оилавии алоҳида дошта, мустақилона зиндагӣ мекунанд, кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ ба ҳар оила дар алоҳидагӣ таъин ва пардохт карда мешавад. Дар ин ҳолат ҳар як оила метавонад мустақилона ариза пешниҳод намояд.

23. Кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ бо назардошти вазъи иқтисодию иҷтимоию шаҳрванд (оила), ҳайати оила, шахсони маъюб ва пиронсол дар ҳайати оила, инчунин тибқи меъёрҳои эҳтиёҷот, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ муайян карда мешаванд, метавонад зиёд ё кам таъин карда мешавад. Тартиби муайян намудани андозаи кӯмакпулӣ барои ҳар як оилаи камбизоат аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

24. Азнавҳисобкунии андозаи кумакпулии иҷтимоии унвонӣ дар ҳолатҳои зерин гузаронда мешавад:

- тағйир ёфтани даромади оила;
- тағйир ёфтани ҳайати оила;
- зиёдшавии меъёри эҳтиёҷот;
- дигар ҳолатҳое, ки барои азнавҳисобкунии андозаи кумакпулиҳои иҷтимоии давлатӣ асос шуда метавонанд.

25. Шаҳрвандон (оилаҳо) барои гирифтани кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ ба ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, идораи манзилию коммуналӣ ва кумитаи маҳаллии ҷои истиқоматашон муроҷиат намуда, чунин ҳуҷҷатҳоро пешниҳод менамоянд:

- ариза дар бораи таъин намудани кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ;
- маълумотнома дар бораи ҳайати оила;
- маълумот дар бораи вазъи иҷтимоӣ, даромаднокӣ ва молу мулки аризадиҳанда ва дигар аъзоёни оила;
- нусхаи шиносномаи сардор ва аъзоёни оила.

Оилаҳое, ки дар ҳайати худ шахси маъюб доранд, новобаста аз гурӯҳи маъюбият, нусхаи маълумотнома дар бораи маъюбиро низ пешниҳод менамоянд.

26. Шакли ҳуҷҷатҳои дар банди 25 ҳамин барнома номбаргардида: ариза дар бораи таъин намудани кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ, маълумотнома дар бораи ҳайати оила ва маълумот дар бораи вазъи иҷтимоӣ, даромаднокӣ ва молу мулки аъзоёни оила аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ гардида, аз ҷониби шӯъбаҳо ва бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, идораҳои коммуналию манзилӣ ё кумитаҳои маҳал ба таври ройгон ба муроҷиаткунандагон дастрас карда мешаванд.

27. Дар ариза розигии сардори оила оид ба ҷамъоварӣ ва пешниҳоди маълумоти иловагӣ дар бораи ҳайати оила, молу мулк ва даромаду хароҷоти аъзоёни оила ва барои гузаронидани санҷиши мутақобила оид ба эътимоднокии маълумоти пешниҳодшуда қайд карда мешавад.

28. Сардори оила дар аризааш шахси бовариноки худро бояд зикр намояд, ки дар набудани ӯ ваколатҳояшро барои гирифтани кумакҳои унвонии иҷтимоӣ ба ӯҳда мегирад.

29. Сардори оила дар ҳолати беморӣ ё ба мӯҳлати зиёда аз 3 моҳ аз маҳалли зисти доимӣ берун рафтанаш, дар аризааш шахси бовариноки худро бояд зикр намояд, ки дар набудани ӯ ваколатҳояшро барои гирифтани кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ ба ӯҳда мегирад.

30. Бо мақсади қабул ва баррасии аризаҳои шаҳрвандон (оилаҳо) дар ҷамоати шаҳрак ё деҳот, идораи манзилию коммуналӣ ё кумитаи маҳал бо қарори раиси шаҳр / ноҳия аз ҳисоби кормандони онҳо шахси масъул таъин карда мешавад.

31. Ариза барои гирифтани кумакҳои унвонии иҷтимоӣ бо дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда дар китоби шакли махсуси бақайдгирии ҷамоати шаҳрак ё деҳот, идораи манзилию коммуналӣ ва ё кумитаи маҳал сабти ном гардида, ба аризадиҳанда оид ба рӯзи қабул ва рақами сабти ариза тасдиқнома дода мешавад. Дар мавриди зарурӣ бароиислоҳи хатогиҳо дар ҳуҷҷатҳо ва пешниҳоди маълумоти зарурӣ огоҳинома бо зикри мӯҳлат фиристода мешавад.

32. Шахси масъули ҷамоати шаҳрак ё деҳот, идораи манзилию коммуналӣ ё кумитаи маҳал маълумотҳои дар ариза, маълумотнома дар бораи ҳайати оила ва маълумот дар бораи даромад ва молу мулки ҳамаи аъзои оила пешниҳодшударо санҷида, бо имзои худ онро тасдиқ менамояд.

33. Шахси масъули ҷамоати шаҳрак ё деҳот, идораи манзилию коммуналӣ ё кумитаи маҳал ариза, маълумотнома дар бораи ҳайати оила ва маълумот дар бораи даромад ва молу мулки ҳамаи аъзои оиларо дар мӯҳлати на дертар аз 10 рӯз ба мақоми маҳалии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ месупорад.

34. Кормандони масъули бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ариза, маълумотнома дар бораи ҳайати оила, маълумот дар бораи даромад ва молу мулки ҳамаи аъзои оила, инчунин мушаххасоти шиносномаҳои аризадиҳанда ва аъзоёни оилаи ӯро дар мӯҳлати на дертар аз 14 рӯз барои муайян намудани нишондиҳандаи умумии сатҳи некӯаҳволии оила ба системаи иттилоотии Феҳристи кӯмакҳои унвонии иҷтимоии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид менамояд.

35. Вазъи камбизоатии шаҳрвандон (оилаҳо)-е, ки барои гирифтани кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ муроҷиат намудаанд, дар асоси индикаторҳои муайянкунандаи вазъи некуаҳволӣ ва дар натиҷаи коркарди маълумот дар сервери марказии системаи иттилоотии Феҳристи кӯмакҳои унвонӣ иҷтимоӣ муайян карда мешавад.

36. Ба шаҳрвандон (оилаҳо)-е, ки индикаторҳои вазъи некуаҳволиашон аз меъёри муқарраргардидаи эҳтиёҷот баланд мебошад, таъин намудани кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ рад карда мешавад.

37. Ҳангоми муайян кардани вазъи камбизоатии муроҷиаткунандагон барои гирифтани кумакпулии иҷтимоии унвонӣ шахсони зерин аз ҳайати оила ба назар гирифта намешаванд:

- шахсоне, ки дар таъминоти пурраи давлат мебошанд;
- шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо мекунанд;
- шахсоне, ки ҷазоро дар муассисаҳои ислоҳӣ адо менамоянд.

38. Ба пиронсолони яккаву танҳо, ки дар шароити душвори зиндагӣ қарор доранд, инчунин ба оилаҳое, ки дар ҳайати худ ду ва зиёда маъюб доранд, ҳангоми муайян намудани меъёри эҳтиёҷот ва нишондиҳандаи умумии сатҳи некуаҳволӣ барои таъин кардани кумакпулии иҷтимоии унвонӣ бартарӣ дода мешавад.

39. Дар натиҷаи коркарди маълумот тавассути системаи иттилоотии барнома ба муроҷиаткунанда дар бораи таъин ё рад шудани кумакпулии иҷтимоии унвонӣ мақоми маҳалии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар муддати 10 рӯз огоҳиномаи хаттӣ ё тариқи паёмаки электронӣ хабарнома ирсол менамояд.

40. Кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ ба муддати 12 моҳ таъйин ва пардохт карда мешавад. Шикоят дар бораи таъин ё рад кардани кумакпулии мазкур тибқи қонунгузории амалкунанда сурат мегирад.

41. Ба ҳар як шаҳрванд (оила)-и камбизоат дар мақоми маҳаллии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ парвандаи инфиродӣ (минбаъд – парванда) кушода мешавад. Парвандаи шаҳрванд (оила), ки ба системаи иттилоотии барнома ворид шудааст, новобаста аз таъин ва рад шудан, ба мӯҳлати панҷ сол дар ин мақомот нигоҳ дошта мешавад. Баъд аз анҷомрасии ин мӯҳлат парвандаҳо ба бойгонии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо супорида шуда, ба таври ройгон нигоҳ дошта мешаванд.

42. Шаҳрвандон (оилаҳо)-е, ки огоҳиномаи рад гирифтанд, дар ҳолати тағйир ёфтани вазъи зиндагӣ ё ҳайати оилаашон метавонанд баъд аз 6 моҳ такроран барои гирифтани кӯмакпулии мазкур муроҷиат намоянд.

43. Пардохти кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ ҳар семоҳа дар доираи андозаи муайяннамудани Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври накдӣ ё интиқоли маблағ ба суратҳисоби бонкии (депозитии) шаҳрванд, инчунин, бо истифода аз кортҳои пластикии бонкӣ тавассути марказҳои хизматрасонии филиали Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” (минбаъд - филиали Амонатбонк) анҷом дода мешавад. Дар ҳолати зарурат маблағи кӯмакпулии мазкур бо дархости бахши ҳифзи иҷтимоии аҳолии шаҳр/ноҳия аз ҷониби шахси ваколатдори маркази хизматрасонии филиали Амотанбонк ба ҷои зисти эҳтиёҷманд расонида мешавад.

44. Пардохти кӯмакпулии иҷтимоии унвонии таъингардида дар ҳолатҳои зерин қать карда мешавад:

- агар дар вақти санҷиш ошкор гардад, ки аз ҷониби аризадиҳанда маълумоти нодуруст пешниҳод ва ё маълумоти аслӣ пинҳон карда шудааст, ки ба натиҷаи муайянкунии меъёри эҳтиёҷот ва нишондиҳандаи

умумии сатҳи некуаҳволӣ барои таъини кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ таъсир расонидааст ва ё таъсир расонида метавонист;

- агар оила (шаҳрванд) аз ҳудуди як минтақа (шаҳр ё ноҳия) ба минтақаи дигар ё хориҷи кишвар барои зиндагии доимӣ кӯчида бошад;

- ҳангоми вафоти шаҳрванди якаву танҳо, ки кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба номи ӯ таъин карда шудааст.

45. Маблағгузории хароҷот барои таъин ва пардохти кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ дар давраи татбиқи барномаи мазкур дар доираи меъёри муқаррааргардида аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, инчунин, аз ҳисоби дигар манбаҳои молиявие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, анҷом дода мешавад.

46. Котибони озоди комиссияҳои ноҳиявӣ / шаҳрӣ, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2008, № 379 «Дар бораи тақвияти кӯмакрасонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат» дар давраи амали барномаи мазкур ба бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии шаҳру ноҳияҳо гузаронида, андозаи музди меҳнати онҳо баробари маоиши вазифавии мутахасиси пешбар муқаррар карда мешавад.

47. Андозаҳои кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ, ҳаққи хизматрасонии бонкӣ, инчунин, хароҷоти ҳуҷҷатгузорӣ ва маъмурии пешбурди барномаи мазкурро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Дастурамали қоидаҳои маблағгузорӣ, пардохт ва ҳисобрасии мутақобилаи маблағҳои кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ ба оилаҳои камбизоат аз ҷониби вазоратҳои молия, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

## 4. КУМАКИ МОДДӢ, ҲАҶМ ВА ТАРТИБИ ПЕШНИҲОДИ ОН БА НИЁЗМАНДОН

48. Кумаки моддӣ ба шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти эҳтиёҷоти онҳо ба намудҳои сӯзишворӣ, маҳсулоти хӯроквӣ, доруворӣ, либос, пойафзол, маводи санитарию гигиенӣ, дигар ашёи зарурии аввалиндараҷа, ки аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ харидорӣ мешаванд ва дигар намуди хизматрасониҳо расонида мешавад.

49. Кумаки моддӣ ба дигар шаҳрвандоне, ки дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор доранд, ва ё аз ҳолатҳои фавқулода, ҳодисаҳои табиӣ ва дигар ҳаводиси номатлуб зарар дидаанд, метавонад аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳалӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ расонида шавад.

## 5. ТАДБИРҲОИ ДИГАРИ ИҶТИМОӢ БАРОИ ШАҲРВАНДОНЕ, КИ ДАР ҲОЛАТИ ДУШВОРИ ЗИНДАГӢ ҚАРОР ДОРАНД ВА ШАҲРВАНДОН (ОИЛАҲОЕ), КИ ТИБҚИ УСУЛҲОИ МУҚАРРАРГАРДИДА ҲАМЧУН КАМБИЗОАТ ЭЪТИРОФ ШУДААНД

50. Яке аз тадбирҳое, ки метавонад барои беҳтар гардонидани вазъи некуаҳволии шаҳрвандоне, ки дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор доранд ва шаҳрвандон (оилаҳо)-е, ки тибқи усулҳои муқарраргардида ҳамчун камбизоат эътироф шудаанд, мусоидат намояд - ин мусоидат ба шуғли аҳолӣ мебошад. Масъалаи мазкур асосан дар доираи «Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020” ва “Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои ҳар ду сол аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, арзёбӣ ва амалӣ мегардад.

51. Дастгирии иҷтимоии шаҳрвандон ҳангоми бекорӣ, хусусан шуғли аҳолии дар бозори меҳнат рақобатнопазир яке аз афзалиятҳои муҳими давлатӣ дар самти мусоидат ба шуғли аҳолӣ маҳсуб меёбад.

52. Дар раванди татбиқи Барномаи давлатии расонидани кумакҳои унвонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолии шаҳру ноҳияҳо бо мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ин самт ба роҳ монда шуда, механизми бақайдгирии аъзои коршоями оилаҳои камбизоат, ки машғули кор ё шуғли муайян нестанд ва ҷалби онҳо ба барномаҳои шуғли аҳолӣ таҳия ва амалӣ карда мешавад.

53. Расонидани хизматҳои гуногуни иҷтимоӣ ҳамчун тадбирҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ яке аз чораҳои муҳими дастгирии шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат метавонад бошад.

54. Хизматҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар вазъияти душвори зиндагӣ қарордошта дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон расонида мешаванд.

55. Бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии шаҳру ноҳияҳо, шӯъбаҳо (марказҳои) хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, марказҳои хизматрасонии иҷтимоии будубоши рӯзона ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, кумитаҳои маҳал ва идораҳои коммуналию манзилӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳо вазифадоранд, дар доираи ваколатҳои худ ҷиҳати дастгирии шаҳрвандони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта тадбирҳои иловагии мушаххас андешанд. Чунин тадбирҳо метавонанд дар асоси мурoҷиати шахсии шаҳрванд ва ё бо пешниҳоди мақомоти маҳаллии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ амалӣ карда шаванд.

56. Мақомоти маҳаллии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вазифадоранд мунтазам оид ба вазъи моддию маишӣ ва иҷтимоӣ таҳлилҳо анҷом дода, шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат, хусусан оилаҳоеро, ки дар ҳайати худ ду ва ё зиёда аъзои маъюб доранд, шаҳрвандони бекори камбизоат, модарони танҳо ва дигар табақаҳои осебпазири аҳолиро ба қайд гирифта, ба онҳо хизматҳои гуногуни иҷтимоӣ расонанд ва ё барои бархӯрдор гардиданашон аз дигар тадбирҳои иҷтимоии давлатию ғайридавлатӣ, аз ҷумла кумакҳои унвонии иҷтимоӣ роҳнамоӣ намоянд.

## 6. МОНИТОРИНГ, АРЗЁБӢ ВА НАЗОРАТИ ТАТБИҚ БАРНОМА

57. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳамасола мониторинг ва арзёбии иҷрои Барномаро гузаронида, аз рӯи натиҷаҳои он ҳар сол маҷлисҳои васеъ доир намуда, муҳокима карда мешаванд.

58. Тартиби гузаронидани мониторинг ва арзёбии иҷрои Барномаи расонидани кумакҳои унвонии иҷтимоӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти расонидани кумакҳои унвонии иҷтимоӣ таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

59. Назорати иҷрои барнома, аз ҷумла тартиби таъин ва расонидани кӯмакпулии иҷтимоии унвонӣ аз ҷониби Хадамоти назорати давлатии тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарраёсатҳо ва раёсатҳои молияи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар сохторҳои ваколатдори давлатӣ таъмин карда мешавад.

## 7. МЕТОДИКАИ МУАЙЯНКУНИИ ВАЗЪИ НЕКУАҲВОЛИИ ШАҲРВАНДОН (ОИЛАҲО)

60. Меъёри эҳтиёҷот барои гирифтани кӯмаки унвонии иҷтимоӣ тибқи Методикаи муайянкунии вазъи камбизоатии шаҳрвандон (оилаҳо) аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти расонидани кумакҳои унвонии иҷтимоӣ дар якҷоягӣ бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

61. Барои муайян намудани сатҳи некуаҳволии шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат индикаторҳои асосии зерин ба ҳисоб гирифта мешаванд:

- ҳайати оила, сатҳи маълумотнокии сардори оила, теъдоди маъюбон, ноболиғон ва дигар аъзои ғайриқобили меҳнат дар оила;
- даромади пулию молии шаҳрвандон (оилаҳо);
- моликияти шаҳрвандон (оилаҳо), аз ҷумла қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва заминҳои дигари дар ихтиёри оила қарордошта;
- ҳолати манзили истиқоматӣ;
- шумора ва намудҳои чорвои шаҳрвандон (оилаҳо);
- дигар индикаторҳое, ки бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ барои муайян намудани сатҳи некуаҳволии шаҳрвандон (оилаҳо) ва камбизоатии онҳо заруранд.

## 8. МУҚАРРАРОТИ НИҲОӢ

62. Барномаи давлатии расонидани кумакҳои унвонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли давраи татбиқи “Барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020” амалӣ гардида, дар марҳилаҳои минбаъда бо дарназардошти натиҷагириҳои раванди амалишавии мақсадҳои барномавӣ, вазъи иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ ва сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон таҳияи барномаи нави давлатӣ барои солҳои минбаъда пешниҳод карда мешавад.